## Course name: "Economic Evaluation of Investments"

# Week 15: Public-Private Partnership (PPP) as an Investment Mechanism

**Номи фан: Баҳодиҳии иқтисодии сармоягузорӣ**

(Economic Evaluation of Investments)

МАВЗӮИ 15. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ чун механизми сармоягузорӣ

Нақшаи лексия:

1. Мафҳум, ҳадафҳо ва аҳамияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ
2. Асосҳои ҳуқукӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Раванди татбиқи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ
4. Механизмҳои молиявӣ, хатарҳо ва баррасии натиҷаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ

## 1. Мафҳум, ҳадафҳо ва аҳамияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ — ин як намуди шартномаи дарозмуддати байни ҳокимияти давлатӣ ва ширкати хусусӣ барои таҳия, молиякунонӣ, сохтмон, таъмир ё идоракунии лоиҳаи хидматрасонии инфраструктурӣ ё ҷамъиятӣ мебошад.

Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз усулҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба шумор рафта, давлат ҷиҳати бунёди инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ метавонад шарикони хусусиро ҷалб намуда, тариқи созишнома ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монад.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини рушди иқтисодӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ басо муҳим мебошад. Пеш аз ҳама шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаҳои инфтрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣбуда, дар

муҳлати муқарраргардидаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ муваққатан бар зимаи шарикони хусусӣ вогузор карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин ҷалби сармояи хусусӣ барои рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ буда, мақсади ҳамкории ду бахш иборат аз тақсимоти одилонаи хавфҳо ва масъулиятҳо байни якдигар мебошад. Гарави татбиқи бобарори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин дар иттиҳоди имкониятҳои бениҳоят хуби ҳарду ҷониб мебошад.

Шарикӣ барои давлат ҳадафҳои зеринро дар назар дорад:

1. Ҷалби сарчашмаҳои молиявии иловагӣ: давлат метавонад бе он ки сарборӣ ба буҷаи давлатӣ ворид кунад, лоиҳаҳои калони инфрасохтoриро (роҳ, энергетика, беморхона) бо ин механизм маблағгузорӣ намояд.

2. Таксим кардани хатарҳо: хатарҳои сохтмон, молиякунонӣ ва идоракунии лоиҳа ба тарафи бахши хусусӣ гузаронида мешавад.

3. Ба даст овардани технология ва таҷрибаи нав: ширкатҳои хусусӣ маъмулан технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи бештари касбӣ доранд, ки самаранокии лоиҳаро зиёд мекунанд.

4. Беҳтар кардани сифати хидматрасонӣ: бахши хусусӣ бо мақсади ба даст овардани фоида, ба сифати хидмат таваҷҷуҳи бештар дорад, ки ин ба манфиати мизоҷон (шаҳрвандон) аст.

5. Кам кардани маблағгузории буҷетӣ дар марҳилаи аввал: давлат ба ҷои пардохти тамоми нархи лоиҳа дар навбати аввал, пардохтҳоро дар давоми муддати шартнома (масалан, 20-30 сол) анҷом медиҳад.

Шарикӣ барои бахши хусусӣ ҳадафҳои зеринро дар назар дорад:

1. Дастёбӣ ба фоидаи устувор: ширкат фоидаи тиҷоратии дарозмуддатро аз пардохтҳои давлат ё корбарони хидмат ба даст меорад.

2. Васеъ кардани бозор: иштирок дар лоиҳаҳои калон барои ширкат шӯҳрати хуб ва имконияти ворид шудан ба бозорҳои навро фароҳам меорад.

3. Таксими хатар бо давлат: ширкат хатарҳои сиёсӣ ва қонунгузориро (масалан, тағйири ҳукумат) бо дастгирии давлат камтар мекунад.

Аҳамияти ин шарикӣ барои рушди кишвар ва иқтисод бисёр аст, аз он ҷумла:

1. Суръатбахшии рушди инфрасохторӣ: бисёр лоиҳаҳои муҳим, ки ба сабаби касри буҷет солҳои дароз иҷро намешуданд, бо шарикӣ ба суръат иҷро мешаванд (сохтмони роҳҳои нав, фурудгоҳҳо, системаҳои обёрӣ).

2. Беҳтар шудани хидматрасонии ҷамъиятӣ: шаҳрвандон ба хидматҳои беҳтар (масалан, нақлиёти умумӣ, хидматҳои тиббӣ, маориф) дастрасӣ пайдо мекунанд.

3. Боло рафтани гардиши иқтисодӣ: лоиҳаҳо корҳои нав эҷод мекунанд, ба рушди саноат мусоидат менамоянд ва даромади умумиро зиёд мекунанд.

4. Зиёд шудани самаранокӣ ва инноватсия: бахши хусусӣ барои кам кардани хароҷот ва зиёд кардани фоида, усулҳои нави корӣ ва технологияҳои самарабахшро ворид мекунад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ танҳо шакли ҳамкорӣ набуда, балки механизми мураккаби сармоягузорӣ мебошад, ки дар он:

- шарики хусусӣ сармоягузориҳои бевосита ба эҷод ё навсозии объектҳо гузаронида, маблағҳои тиҷоратиро ба кор меорад;
- давлат заминаи ҳуқуқӣ ва мусоидатҳоро фароҳам оварда, дар маҷмӯъ хароҷоти давлатиро коҳиш медиҳад;
- сармоягузориҳои шарики хусусӣ дар давоми муддати тӯлонӣ аз роҳи истифодаи объект ё пардохтҳои давлат бармегардад.

## 2. Асосҳои ҳуқукӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд.

Мувофиқи моддаи 2-и ин Қонун "шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишнома мебошад".

Ин таъриф ҷанбаҳои асосии зеринро баррасӣ мекунад:

- **Субъектҳо:** давлат (тавассути мақомоти ваколатдор) ва бахши хусусӣ (соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ).
- **Ҳадаф:** амалӣ намудани лоиҳаҳои муайян.
- **Соҳа:** инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ.
- **Асос:** созишномаи дарозмуддат, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳарду тарафро муқаррар менамояд.

Барои идоракунии самараноки механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин Қонун сохтори сесатҳиро пешбинӣ кардааст:

1) Шӯро оид ба оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

2) Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

3) Ташкилоти фармоишгар.

Шӯро оид ба оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун мақоми мушовара мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумат таъсис дода мешавад. Вазифаҳои асосии ин Шӯро иборатан аз:

- баррасии пешниҳодҳои лоиҳавӣ ва тасдиқи онҳо;
- баррасии лоиҳаҳои созишномаҳо.;

- мусоидат дар ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои тендер ва татбиқ;

- тавсия додан ба мақомоти ваколатдор ва ташкилоти фармоишгар.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мақоми иҷроияи марказӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумат муайян карда мешавад. Вазифаҳои асосии он иборатанд аз:

- пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- таҳияи дастурҳои методологӣ барои лоиҳаҳои шарикӣ;

- баррасии асосноккунии техникию иқтисодӣ (ТЭО)-и ибтидоӣ;

- мусоидат ва ҳамоҳангсозӣ барои ташкилотҳои фармоишгар;

- мониторинги лоиҳаҳои татбиқшаванда.

Ин мақом ядрои амалии системаи идоракунии шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Ташкилоти фармоишгар **м**ақомоти давлатӣ мебошад, ки барои бастани созишнома ваколат дорад ва ҳамаи марҳилаҳои лоиҳаро аз оғоз то анҷом идора менамояд.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмини зиндагии шоиста ҳамчун афзалияти стратегӣ муайян гардидааст. Ноил гаштан ба ин ҳадафи олӣ аз бисёр ҷиҳат ба рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ вобастагии зиёддорад.

Тибқи арзёбиҳои коршиносони масоили иқтисодӣ ҳоло 70 дарсади ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 80 дарсади аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол дар кишварамон ба ин бахши муҳими иқтисодиёт тааллуқ дорад.

Бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ бо дарназардошти нақши муҳим доштанаш дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати

кишвар қарор дошта, дар ин масир пайваста тадбирҳои муассири давлатӣ андешида мешаванд. Аз ҳамин ҷост, ки бо пешниҳоди имтиёзу сабукиҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳа аз ҷониби давлат ҳамарӯза саҳми соҳибкорон ҳамчун нерӯи созанда дар ободонии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум бараъло эҳсос карда мешавад.

Аз ин бар меояд, ки Паёми Пешвои миллат ҳамчун як ҳуҷҷати комил ва фарогири муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳибкориву сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ чун такондиҳандаи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, амалӣ намудани вазифаҳои пешгузошта дар он нишондиҳандаҳои рушди ин бахши муҳими иқтисодиётро метавонад ба куллӣ дигар кунад.[1]

Натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ ва шароитҳои сармоягузорӣ чунин мебошанд:

– барномаи маҷмӯии рушди ШДБХ таҳия карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” аз нав таҳия ва қабул мегардад.[2]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз 22.03.2018 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қайд намуданд, ки ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанги истифодаю истеъмоли об метавонад як василаи муҳимми кӯшишҳои муштарак бошад.

Аз ин лиҳоз, густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар соҳаи таъмини об ва беҳдошт имкониятҳои навро ба вуҷуд меорад.[3]

[1] Одинаев А. Рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ.// Нашрияи «Минбари халқ» - №15(1151) аз 11 апрели соли 2018, саҳифаи 6

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

### 3. Раванди татбиқи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ

Раванди татбиқи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таҳияи асосноккунии техникию иқтисодӣ (АТИ) оғоз меёбад. АТИ бояд ҷанбаҳои техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ, инчунин хатарҳои асосиро баррасӣ намояд. АТИ-и ибтидоӣ бояд бо мақоми ваколатдори давлатӣ ҳаммоҳанг карда шавад. Баъд аз тайёр шудани АТИ, пешниҳоди лоиҳавӣ барои тасдиқ ба Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда мешавад.

Қонуни ҶТ дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ принсипҳои зеринро барои гузаронидани тендер таъкид менамояд: адолатнокӣ, баробарӣ, беғаразӣ, шаффофӣ, рақобати солим ва волоияти қонун.

Раванди интихоб ду марҳила дорад:

1. **Интихоби пешакӣ:** Баррасии мутобиқати имконпазирии иштирокчиён (довталабон) ба меъёрҳои маълум: тахассуси касбӣ, таҷриба, қудрати молиявӣ ва ғайра.
2. **Баррасии пешниҳодҳо:** Иштирокчиёни гузаронидаи интихоби пешакӣ пешниҳодҳои техникӣ ва молиявии худро пешниҳод менамоянд. Онҳо тавассути комиссияи арзёбӣ, ки дар он намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҳам ширкат дорад, баррасӣ мешаванд.

Пас аз интихоби ғолиби тендер, лоиҳаи созишнома барои тасдиқи ниҳоӣ ба Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда мешавад. Фақат пас аз гирифтани розигии Шӯро Созишнома имзо шуда, лоиҳа ба марҳилаи татбиқ мегузарад. Дар давоми тамоми муҳлати амали Созишнома, шарики хусусӣ вазифаи сохтмон ва/ё истифодаи объектро ба уҳда дорад. Ташкилоти фармоишгар ва

[3] www.prezident.tj Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз 22.03.2018. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

мақоми ваколатдори давлатӣ мониторинги доимии иҷрои Созишномаро анҷом медиҳанд.

## 4. Механизмҳои молиявӣ, хатарҳо ва баррасии натиҷаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ

Созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ усулҳои зеринро барои баргардонидани сармоя ва ба даст овардани фоидаи шарики хусусӣ пешбинӣ менамояд:

1. Пардохти ҳаққи хизматрасонӣ аз тарафи истифодабарандагон: шарики хусусӣ барои хидматрасонӣ аз истифодабарандагон пул мегирад (мас., пардохт барои истифода аз роҳи пулакӣ).

2. Пардохти ҳаққи хизматрасонӣ аз тарафи давлат: давлат ба шарики хусусӣ барои таъмини дастрасии хидмат ё сифати муайян пардохт менамояд. Ин ду усул метавонанд бо ҳам омехта ё ивази якдигар истифода шаванд.

Созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳалли масъалаҳои моликиятро дар бар мегирад, аз он ҷумла:

- муайян кардани амволе, ки моликияти давлатӣ мебошанд;

- муайян кардани амволе, ки шарики хусусӣ метавонад соҳиб бошад;

- тартиби баргардонидани амвол ба давлат дар охири муҳлати Созишнома.

Барои ҷалби маблағҳои қарзӣ, шарики хусусӣ метавонад амвол ё даромадиояндаи лоиҳаро ба гарав гузорад.

Яке аз бартариҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақсими хатарҳо ба он тарафе аст, ки беҳтар метавонад онро идора кунад, аз он ҷумла:

- хатарҳои сохтмону истифода - ба уҳдаи шарики хусусӣ;

- хатарҳои тиҷоратӣ (ҳаҷми даромад) - ба уҳдаи шарики хусусӣ;

- хатарҳои сиёсӣ ва қонунӣ - ба таври асосӣ ба уҳдаи давлат. Қонуни ҶТ дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳуқуқи шарики хусусиро ба ҷуброн дар сурати тағйироти ногузири қонунгузорӣ, ки ба хароҷоташ таъсири назаррас мерасонад, пешбинӣ менамояд.

Ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои асосии инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ чунин бартариятҳо дорад:

- ба самаранокӣ овардани равандҳои сохтмон ва хизматрасонӣ;

- ворид намудани технологияҳо ва таҷрибаи нави идоракунӣ;

- таъмини сифати баланд дар давоми тамоми давраи амали Созишнома.

Мушкилиҳо ва хатарҳо дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонанд бошанд**:**

**- а**рзиши баланди транзаксионӣ (тартиб додан, тендер, музокирот);

- мураккабии таҳия ва идоракунии Созишнома;

- хатари диққат додан ба ҳаҷми фоида ба ҳисоби сифати хидмат;

- хатари зиёд шудани арзиши хизматрасонӣ барои аҳолӣ;

- хатари фасод дар лоиҳаҳои калонҳаҷм.

Ҳамин тариқ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ чун механизми сармоягузорӣ имконияти калони рушди соҳаҳои асосии иқтисодиётро фароҳам меорад. Барои татбиқи муваффақи он заминаи ҳуқуқии устувор, мақомоти самаранок, равандҳои шаффоф ва тақсими адолатонаи хатарҳо зарур аст. Дар ин сурат шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад саҳми назаррас ба рушди иқтисодиёт ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гузорад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз 22.03.2018. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико www.prezident.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28.декабри соли 2012, №907.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, № 783.

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

5. Инвестиции: Учебник для бакалавров / А. С. Нешитой. — 9-е изд., перераб. и испр. — М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2016. — 352 с.

6. Фаъолияти таҳлилӣ дар иқтисодиёт ва молия – Дастури таълимӣ-методӣ…Нашриёти «ҶДММ «Валиёр», Душанбе, 2021. – 375 с.

7. Одинаев А. Рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ.// Нашрияи «Минбари халқ» - №15(1151) аз 11 апрели соли 2018, саҳифаи 6